# Дониёл 3



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.


ЧАРО ТУ ТАМОМАН НАМЕНӮШӢ, ЗЕБОСАНАМ!
КАСЕ КОСАИ МАРО ШИКАСТААСТ.
АКНУН МАН ЗАРФЕ БАРОИ НӮШИДАН НАДОРАМ.
БЕШТАР МАЙ!
**ХИЗМАТГОР!** БА ЗЕБОСАНАМИ МАН КОСА ДАРКОР АСТ, ТО БО ОН НӮШИДА ТАВОНАД!
ХУБ, АЪЛОҲАЗРАТ!
АММО МЕҲМОНОН ЧУНОН БИСЁРАНД, КИ БО КОСАҲО МУШКИЛӢ ПАЙДО КАРДАЕМ...
КОСАҲО ПАЙДО КУН, ВАГАРНА САРАТРО АЗ ТАН ҶУДО МЕКУНАМ!
ОҲО! БИИСТ! МАН ФИКРИ ОЛИДАРАҶА ДОРАМ.
ИДИ ҲАҚИҚӢ – ВА БАЗМИ ОСМОНКАФ.
ҲАНГОМЕ КИ БОБОИ МАН УРШАЛИМРО ЗАБТ НАМУД, Ӯ ЗАРФҲОИ ТИЛЛОИРО АЗ МАЪБАДИ УРШАЛИМ БА БОБИЛ ОВАРД.
ОНҲОРО БА МАН БИЁРЕД!
АММО ОНҲОРО БОБОЯТ МАҲКАМ КАРДА МОНДА БУД ... ОНҲО БА ХУДОИ ЯҲУДИЁН БАХШИДА ШУДААНД.
ОРЕ.


МУҲАНДИСОНИ МО МЕГӮЯНД, КИ АЛЛАКАЙ БАЪДИ ЯК СОАТ МО МЕТАВОНЕМ ДЕВОРРО БАРКАНЕМ ВА МАҶРОИ ДАРЁРО ДИГАР КУНЕМ.
ХУБ. ИН МАЙМУНИ БАДМАСТИ БОБИЛӢ ҲЕҶ ГОҲ НАХОҲАД ФАҲМИД, КИ ЧӢ ТАВР БА Ӯ ҲУҶУМ КАРДААНД.
ОЁ БАРОИ АЗ ҲАМВОРӢ ОВАРДАНИ ҚИСМИ БОҚИМОНДАИ ЛАШКАР РАВАМ.
РАВ. ВА БА САРВАРОНИ ЛАШКАР ГӮЙ, КИ САҲАРӢ МО АЗ САРИ ДАСТУРХОНИ ПОДШОҲ ХӮРОК ХОҲЕМ ХӮРД.
БАЛШАСАР, ЧАРО ТУ ПЕШТАР ИН ЗАРФҲОИ ТИЛЛОИРО БА БАЗМҲО НАМЕБАРОВАРДӢ?
ДӮСТАМ, МАН ЧИЗИ БЕҲТАРИНРО БАРОИ ОХИР БОҚӢ ГУЗОШТА БУДАМ!
МЕҲМОНОНИ МАН!
БАРОИ ОХИРИН ХОРИИ ЯҲУДИЁН.
МО ПОЙТАХТИ ОНҲОРО ЗАБТ НАМУДЕМ.
ФАРЗАНДОНИ ОНҲОРО ГИРИФТЕМ. ЗАНҲОИ ОНҲОРО ГИРИФТЕМ.
АКНУН БОШАД, МО ЗАРФҲОИ МУҚАДДАСИ ОНҲОРО БАРОИ ДИЛИХУШӢ ГИРИФТЕМ!



Дониёл 5: 3-4


БАРОИ БОБИЛ ВА ҲУКМФАРМОИИ МО БАР ХАЛҚҲОИ ҶАҲОН.
БАРОИ БААЛ-МАРДУК, ХУДОИ БУЗУРГ!
БАРОИ НЕРГАЛ, КИ МОРО БА АЙШУ НӮШ БО ИН ЗАНҲОИ ЗЕБО ВОДОР НАМУДААСТ.
ВА ПЕШ АЗ ҲАМА, ҶАЛОЛ БА МАРДУК БОД! БА ХУДОЕ КИ МОРО БО ИН МАЙИ ОЛИДАРАҶА ТАЪМИН НАМУДААСТ!
ҲАМА ЧИЗ ТАЙЁР АСТ. ЛАШКАРҲО ОМАДААНД.
МАҶРОИ ДАРЁРО ДИГАР КУНЕД!!!
БА ПЕШ! ФАРМОН ДОДА ШУД!
ДОНИЁЛ 5: 3-4


КАЛИДИ ШАҲР.
ҲАМА ЧИЗ ҶОИ СУСТ ДОРАД.
ҲАТТО БОБИЛ.
ХУСУСАН БОБИЛ!
АКНУН, ЗУД, ФАРМОНРО ПАҲН КУНЕД.
МО БА БОБИЛ ЗАДА МЕДАРОЕМ, ДАР ПЕШИ БИНИИ ИН БАДМАСТҲО …
ЧӢ ГАП АСТ…?!
АААААА!!!
НАҶОТ ДИҲЕД!
MENE MENE
Дониёл 5:5


MENE MENE TEKEL
ИН ЧӢ СЕҲР АСТ?
MENE MENE TEKEL UPHARSIN
ҲАКИМОНИ МАРО БИЁРЕД – ФАВРАН!
ҲА, ХОҶААМ!
МО ИН НАВИШТАРО ОМӮХТЕМ, ХОҶААМ …
ИН СУХАНОН БЕРУН АЗ ФАҲМИШИ МО МЕБОШАНД. ИНҲО СУХАНОНИ ИНСОНӢ НЕСТАНД!
ИНРО ХУДАМ ҲАМ МЕДОНАМ, БЕАҚЛ! ВАГАРНА ЧАРО ШУМОРО ҶЕҒ МЕЗАДАМ! АКНУН БА МАН МАЪНОИ ИН СУХАНОНРО ГӮЕД!
ПОДШОҲ БАЛШАСАР, ҲАТТО АГАР БАРОИ МУКОФОТИ МО ИН ХОНАРО ПУР АЗ ТИЛЛО ВА САНГҲОИ ГАРОНБАҲО КУНӢ ҲАМ, ҲЕҶ КАС ИНРО ГУФТА НАМЕТАВОНАД.
ИН БО ДАСТИ ХУДО НАВИШТА ШУДААСТ.
МАН БА ШУМО ТИЛЛО ВА НУҚРА ДОДААМ, ТО МАЪНИДОДҲОИ ЛАЪНАТӢ ВА СИТОРАҲОИ БЕФОИДАИ ХУДРО ОМӮЗЕД!
ВА АКНУН ШУМО БА МАН МЕГӮЕД, КИ «ҲЕҶ КАС ИНРО ГУФТА НАМЕТАВОНАД»?
ЯК ШАХС ИНРО МАЪНИДОД КАРДА МЕТАВОНАД …
Дониёл 5:6-8




ДОНИЁЛ 5:10-12


ДЕРТАР.
ОЁ ТУ ҲАМОН ДОНИЁЛ АЗ БАЙНИ АСИРОНИ ЯҲУДИЯ ҲАСТӢ, КИ БОБОЯМ НАБУКАДНЕСАР АЗ ЯҲУДИЯ ОВАРДА БУД?
ҲА, ИН МАНАМ.
МАН ШУНИДАМ, КИ РӮҲИ ХУДОЁН ДАР ТУСТ, ВА РӮШНОӢ ВА ХИРАД ВА ҲИКМАТИ ОЛИДАРАҶА ДАР ТУ ҲАСТ.
ҲИКМАТИ ҲАҚИҚӢ АЗ ҶОНИБИ ХУДО МЕОЯД.
БАРОИ МАН ФАРҚ НАДОРАД, КИ ҲИКМАТ БА ТУ АЗ КУҶО МЕОЯД!
ҲЕҶ ЯКЕ АЗ ҲАКИМОН ВА АФСУНГАРОНИ МАН ИН НАВИШТАРО ХОНДА НАТАВОНИСТАНД.
АММО МАН ДАР БОРАИ ТУ ШУНИДАМ, КИ БА ҲАЛЛИ МУАММОҲО ВА КУШОДАНИ ГИРЕҲҲО ҚОДИР ҲАСТӢ.




Дониёл 5:16-19




Дониёл 5:26-29


ЛАШКАРИ ФОРСҲО ДЕВОРИ БОҒИ ОФТОБРО СӮРОХ КАРДАНД!
ОНҲО АЛЛАКАЙ БА ТАРАФИ ҚАСР РАВОНА МЕБОШАНД!
ОЁ ИН РОСТ АСТ?
ИН ҒАЙРИИМКОН АСТ!
АЗ РОҲ ДУР ШАВ!
НЕ…
ИН ҒАЙРИИМКОН АСТ …
ОҲ, ЧӢ КОР КАРДАМ!?
«ИН СУХАНОНИ ПАРВАРДИГОР АСТ …»

Дониёл 5:30


ДОНИЁЛ, ДӮСТИ ДЕРИНА, АКНУН КИ ФОРСҲО ҲОКИМИЯТРО ДАР БОБИЛ БА ДАСТ ГИРИФТААНД, БО МО ЧӢ МЕШАВАД?
КӢ МЕДОНАД, МИШОИЛ? ПОДШОҲИҲО БОЛО МЕРАВАНД ВА ФУРӮ МЕҒАЛТАНД. ЯК ҲОКИМ ДИГАРЕРО ИВАЗ МЕКУНАД.
ФАҚАТ ХУДО АБАДАН БОҚӢ МЕМОНАД.
ДУРУСТ МЕГӮЙ.
ДИҚҚАТ!
МО ДОНИЁЛИ ЯҲУДИРО МЕҶӮЕМ, КИ МУШОВИРИ ПОДШОҲИ БОБИЛ БУД.
МАН ҲАМОНАМ, КӢ ШУМО МЕҶӮЕД.
ТУРО НАЗДИ ПОДШОҲ ДОРЁВЕШ, ФОТЕҲИ БОБИЛ ДАЪВАТ КАРДААНД.
ҲАМАИ САРЛАШКАРОН ҚАТЛ КАРДА ШАВАНД.
ҲАМЧУНИН ҲАМАИ МАНСАБДОРОНИ БАЛШАСАР ВА НАБОНИД…
ДАР ДАВЛАТИ НАВ ВАФОДОРӢ ЧИЗИ МУҲИМТАРИН АСТ. МУТААССИФОНА, ИН БА ШУМО ХОС НЕСТ.
МУШОВИРОНЕРО, КИ БОВАРИНОК НЕСТАНД, БО ХУД НИГОҲ ДОШТАН ХАТАРНОК АСТ!
ОНҲОРО АЗ ПЕШИ МАН ДУР КУНЕД!
АММО МО ХИЗМАТ МЕКУНЕМ …
Дониёл 5:31


АЪЛОҲАЗРАТ, МО ДОНИЁЛРО НАЗДИ ШУМО ОВАРДЕМ!
ҲА, АЛБАТТА. ЯҲУДИИ МАШҲУР.
ҶОСУСОНАМ ДОИМО БА МАН ДАР БОРАИ МАСЛИҲАТҲОЕ КИ БА ПОДШОҲИ БОБИЛ МЕДОДӢ, ХАБАР МЕРАСОНДАНД.
НАБОНИД ВА БАЛШАСАР БЕҲУДА БА ТУ ГӮШ НАДОДАНД.
АММО МАН БЕҲТАР РАФТОР МЕКУНАМ. ВАФОДОРӢ БАРОИ МАН ХЕЛЕ МУҲИМ АСТ, ВА ТУ ОНРО АЛЛАКАЙ ИСБОТ КАРДАЙ.
МАН ФАҚАТ ПАЁМРО БА ПОДШОҲИ ХУД РАСОНДАМ. МАН БА ХУДОИ ХУД ВАФОДОРАМ.
АНА ҲАМИН ЧИЗ ТУРО ЧУНИН БЕБАҲО МЕГАРДОНАД! БА ХУДО ВА ФАРМУДАҲОИ Ӯ СОДИҚ БУДАНАТ …
ТУРО КАСЕ МЕГАРДОНАД, КИ МАН БА Ӯ БОВАРӢ КАРДА МЕТАВОНАМ.
ӮРО БА ҚАСР БИЁРЕД ВА БАРОЯШ ҲУҶРАЕ ҶУДО КУНЕД.
Ӯ СОХТОР ВА ТАРТИБОТИ ИН ШАҲРРО ХЕЛЕ ХУБ МЕДОНАД, ВА ИН ӮРО ҶУЗЪИ ИВАЗНОПАЗИРИ ШӮРОИ ШОҲОНАИ МАН МЕГАРДОНАД.



ДОНИЁЛ 6:2


ТОБЕЪ НАМУДАНИ БОБИЛ АЗ ОН ЧИ МАН ГУМОН МЕКАРДАМ, ХЕЛЕ ОСОНТАР БУДААСТ.
ҲОКИМОНИ ОНҲО РОҲРО БАРОИ МО КУШОДАНД. НАБОНИД БЕШТАР НА БО ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО, БАЛКИ БО ШИКОР МАШҒУЛ БУД.
ПИСАРАШ БАЛШАСАР КОРҲОИ ДАВЛАТИРО ОН ҚАДАР МУҲИМ НАМЕҲИСОБИД. БО МАЙ ТАЪМИН НАМУДАНИ СУРРИЯҲОЯШ БАРОИ Ӯ АҲАМИЯТИ БЕШТАР ДОШТ.
ВА БА ҲАР ҲОЛ …
…МО ДАР ИН ҶО ФАРМОНРАВОЁНИ БЕГОНАЕМ. МО, КИ ҲОКИМИЯТРО БАР БОБИЛИЁН БА ДАСТ ОВАРДАЕМ, БОЯД ДИЛИ ОНҲОРО НИЗ БА ДАСТ ОВАРЕМ, ТО КИ ОНҲОРО ХУБ ИДОРА КАРДА ТАВОНЕМ.
МАН БОЯД ВАФОДОРИИ ЗЕРДАСТОНАМРО БА ДАСТ ОВАРАМ, ВА ОНҲО, ДАР НАВБАТИ ХУД, ВАФОДОРИИ МАРДУМЕРО, КИ БАР ОНҲО ҲУКМРОНӢ МЕКУНАМ, ТАЪМИН МЕКУНАНД.
ПАГОҲ ҲАМАИ ҲОКИМҲО ВА ИДОРАКУНАНДАГОНРО ҶАМЪ КУНЕД.
МАН НАҚШАИ НАВИ ИДОРАКУНИРО ОШКОР МЕКУНАМ.



РӮЗИ ДИГАР.
АКНУН ШАМШЕРИ КУРУШ ВА ДОРЁВЕШ БАР ПОДШОҲИИ БУЗУРГИ БОБИЛ ҲУКМРОНӢ МЕКУНАД!
ҲАМЧУНИН ДАР ИН ҶО ҲАМАИ ҚОНУНҲОИ МОДҲО ВА ФОРСҲО ҶОРӢ КАРДА МЕШАВАНД!
ПОДШОҲ НАБУКАДНЕСАР ХАЛҚҲОИ БИСЁРРО МУТТАҲИД КАРДАНӢ БУД. ОН ҶОЕ КИ Ӯ НОБАРОР ШУД, МАН КОМЁБ МЕШАВАМ.
БАРОИ РАСИДАН БА ИН МАҚСАД МАН ҚАРОР ДОДАМ ПОДШОҲИРО БА 120 ВИЛОЯТ ТАҚСИМ НАМОЯМ, КИ ОНҲОРО 120 ҲОКИМ ИДОРА МЕКУНАНД…
…БИНОБАР ИН МАН НОРАСОӢ НАХОҲАМ ДОШТ, ВА МАРДУМ МЕТАВОНАНД БА ҲОКИМОНАШОН НАЗДИКТАР БОШАНД.
БАР ИН 120 ҲОКИМҲО МАН СЕ ИДОРАКУНАНДАИ ХУДРО МЕГУЗОРАМ, КИ БАР ПОДШОҲИИ МАН РОҲБАРӢ КАРДА, ФАҚАТ БА МАН ҲИСОБОТ МЕДИҲАНД.
ПРИНИД, КИ БАР ЭЛОМ ИДОРАКУНАНДА БУД; ТРИЛАРИЙ, ДУЮМӢ АЗ МУҚАРРАБОНИ МАН; ВА ДОНИЁЛИ ЯҲУДӢ.
ҲАР ЯКИ ОНҲО ХУДРО ДАР ИДОРАКУНӢ ХИРАДМАНД ВА ДАР ХИЗМАТ ВАФОДОР НИШОН ДОДААСТ, ВА ОНҲО ДАР БАЙНИ МАРДУМ БОЭЪТИБОР ХОҲАНД БУД.
АЗ РӮИ ҚОНУНҲОИ ТАҒЙИРНОПАЗИРИ МОДҲО ВА ФОРСҲО ҲАМИН ТАВР МУҚАРРАР ШУДААСТ ВА БОЯД ФАВРАН ИҶРО ШАВАД.
Дониёл 6:2


ИН БЕТАРТИБӢ АСТ, ПРИНИД!
НАХОД МО ФАҚАТ БА ХОТИРИ ОН ИН ҚАДАР МЕҲНАТ КАРДЕМ ВА ИН ҚАДАР ПЕШРАФТ КАРДЕМ, КИ ПОДШОҲ ЧУНИН ФАРМОН ДИҲАД?
АЗ АФТИ КОР, АКНУН БА ҲУКМРОНИИ ХУД
ЯҲУДИРО ШАРИК МЕКУНЕД!
ЭҲТИМОЛ, НЕКӮАҲВОЛӢ ВА ИМТИЁЗҲОИ МО БА ОХИР РАСИДААНД.
НЕ, ТРИЛАРИЙ. ДАР ВАҚТИ ДАРКОРӢ САРВАТИ БОБИЛ АЗ ОНИ МО МЕШАВАД.
БА ФИКРАМ, АЗ ИН ЯҲУДӢ ҲЕҶ ЧИЗИ ХУБРО НАБОЯД ИНТИЗОР ШАВЕМ. ОВОЗАҲО ҲАСТАНД, КИ Ӯ АФСУНГАРИ БУЗУРГ АСТ.
АММО ПОДШОҲ МАҚОМИ ӮРО БАРОБАРИ ШУМО ГАРДОНД! ЯҲУДИИ АСИРРО!
ОЁ ТУ ӮРО ДИДАЙ! Ӯ ЧУН АСИР НАМЕТОБАД!
ТУ КОРИ ХУДРО ИҶРО КУН, МО БОШЕМ, КОРИ ХУДРО ИҶРО МЕКУНЕМ.
АММО АГАР ТУ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ОН ЯҲУДӢ ЯГОН САҲВ, ХАТО Ё НОИНСОФИРО БИНӢ, ДАРҲОЛ БА МАН ХАБАР ДЕҲ!

Дониёл 6:4


МО СОЛҲОИ ЗИЁД ФАҚАТ БАРОИ ОН СОДИҚОНА ХИЗМАТ КАРДАЕМ, КИ ЗЕРИ СОЯИ ИН АҶНАБӢ БОШЕМ.
НА ТАНҲО АҶНАБӢ – БАЛКИ ЯҲУДӢ.
ЯҲУДИЕ КИ БА БОНУФУЗТАРИН ШАХСИ РӮИ ЗАМИН МАСЛИҲАТҲО МЕДИҲАД.
НЕ, БА ШАХСИ АЗ ҶИҲАТИ НУФУЗ ДУЮМ.
ДОМОДИ Ӯ КУРУШ БОНУФУЗТАРИН ШАХСИ РӮИ ЗАМИН АСТ, ВА БА ЗУДӢ Ӯ ДАР ИН ҶО ҲУКМРОН МЕШАВАД.
ДОРЁВЕШ САРЗАМИНҲОРО ЗАБТ НАМУД, ВА АКНУН КУРУШ РОҲБАРӢ КАРДАН МЕТАВОНАД.
ПУРРА ИМКОНПАЗИР АСТ.
ДОРЁВЕШ САРЛАШКАРИ ТАВОНО, САРВАРИ БУЗУРГ АСТ.
Ӯ БЕШ АЗ ҲАМА ЧИРО МЕХОҲАД?
ИТОАТИ ПУРРА ВА ВАФОДОРИИ БЕҲУДУД.
САРБОЗОНЕРО, КИ БО ФАРМОНИ САРВАР БА МАРГ МЕРАВАНД.
МАН ЯК ПЕШНИҲОДИ ХУРДЕ ДОРАМ.
ТРИЛАРИЙ, АГАР МО ИН ЯҲУДИРО САРНАГУН КАРДАНӢ БОШЕМ, ИН БОЯД ДАР АСОСИ БЕВАФОӢ БА ДОРЁВЕШ ВА ҲУКМРОНИИ Ӯ БОШАД.
БИЁ БА КАНОРЕ РАФТА ГАПЗАНОН МЕКУНЕМ.
МО БА ҚАРИБӢ МЕБИНЕМ, КИ ДӮСТИ ЯҲУДИЯМОН ЧУН ШАБПАРАКИ ЗАХМДОРШУДА БА ЗАМИН МЕАФТАД.

Дониёл 6:4


МАН НИСФИ ХИРАДИ ӮРО ҲАМ НАШУНИДААМ.
Ӯ ҲАЙРАТОВАР АСТ.
АЛБАТТА! АСИРЕ КИ ХИРАДАШ АЗ ҲАР КАСЕ КИ МАН ВОХӮРДААМ, АФЗУНТАР АСТ, – ХОҲ БОБИЛӢ БОШАНД, Ё ФОРС.
БА Ӯ ПУРРА БОВАРӢ КАРДАН МУМКИН АСТ.
БЕШУБҲА.
ҲУКУМАТИ МУВАҚҚАТӢ ОЛИДАРАҶА АМАЛ МЕКУНАД
БА ЗУДӢ МАН РОҲБАРИРО БА КУРУШ ДОДА МЕТАВОНАМ.
МАН НАҚША ДОРАМ ДОНИЁЛРО БАР ТАМОМИ ПОДШОҲӢ ИДОРАКУНАНДА ТАЪЙИН КУНАМ, КИ ТАНҲО БА МАН ҲИСОБОТ МЕДОДА БОШАД.
ҚАРОРИ ОҚИЛОНА, ШОҲАМ.
БА Ӯ БЕШ АЗ ҲАР ҲОКИМ ВА Ё АМИРИ МО БОВАРӢ КАРДАН МУМКИН АСТ.
ДАР ҶАМЪОМАДИ ОЯНДА МАН БА ҲАМАИ ИДОРАКУНАНДАГОН ҚАРОРИ ХУДРО ЭЪЛОН МЕКУНАМ.

ДОНИЁЛ 6:3


ҲЕҶ ЯКЕ АЗ ҲОКИМОНЕ КИ МАН БО ОНҲО ГУФТУГӮ ДОШТАМ, ДАР ДОНИЁЛ ҲЕҶ ГУНА РАФТОРИ НОШОЯМ НАДИДААСТ.
НА ДУРӮҒ МЕГӮЯД, НА РИШВА МЕГИРАД, ВА НА МАҚОМАШРО БА НАФЪИ ХУД ИСТИФОДА МЕБАРАД.
МАН ҲАТТО ДУ БОР БО ПЕШНИҲОДИ ХЕЛЕ ҶОЛИБ БА Ӯ МУРОҶИАТ НАМУДАМ, ТО БА Ӯ РИШВА ДИҲАМ, АММО Ӯ МАРО ҲАТТО ГӮШ НАКАРД.
ФАҲМО. МО ҲЕҶ ГОҲ ӮРО ДАР ХИЁНАТ БА ПОДШОҲ БА ДОМ АФТОНДА НАМЕТАВОНЕМ. АММО…
...АММО ВАФОДОРИИ Ӯ БА ХУДОЯШ ХЕЛЕ БЕШТАР АЗ ВАДОДОРИЯШ БА ПОДШОҲ АСТ.
БА ХУДО ВАФОДОР БУДАНАШ ӮРО БОВАФО МЕГАРДОНАД.
ЧӢ МЕШАВАД, АГАР ХУДОИ ХУДРО ПАРАСТИШ НАМУДАНИ ӮРО БА ҶИНОЯТ ТАБДИЛ ДИҲЕМ?
ҲАР НАҚШАЕ ДОШТА БОШЕД ҲАМ, ЗУД АМАЛ КАРДАН ДАРКОР АСТ.
ЧӢ ХАБАРИ НАВ ДОРӢ?
ХАБАРЕ КИ БАРОИ ОН БОЯД БА МАН ПУЛИ ЗИЁД ДИҲӢ.
ИМРӮЗ МАН БО ГӮШҲОИ ХУД ШУНИДАМ, КИ ПОДШОҲ ДОНИЁЛРО БАР ҲАМАИ МО САРВАР ВА ФАРМОНРАВО ТАЪЙИН КАРДАНӢ АСТ.
АЗ ПАЙИ МАН БИЁ.


ПАРВАРДИГОР, ТУ БАРОИ ХАЛҚИ ХУД ЧӢ НАҚШАЕ ДОРӢ?
ПАЙҒАМБАРОНАТ ПЕШГӮЙ КАРДААНД, КИ БАДАРҒАИ МО 70 СОЛ ДАВОМ МЕКУНАД.
ХУДОИ ПАДАРОНАНАМОН. ХУДОИ ИБРОҲИМ, ИСҲОҚ ВА ЯЪҚУБ. ТУ ҲАМОНӢ, КИ СУХАНОНАШ ОДИЛОНА ВА АБАДӢ МЕБОШАНД.
МАН ТО ЗАМОНИ ОЗОД ШУДАНИ ХАЛҚАМ ДАР ҚАЙДИ ҲАЁТ НАХОҲАМ БУД. АММО МЕДОНАМ, КИ ТУ МЕХОҲӢ, ТО ҲАМАИ ОДАМОНЕ КИ ТУ МАРО ДАР БАЙНИ ОНҲО ҶОЙ ДОДАЙ, БА ВОСИТАИ МАН ДАР БОРАИ ТУ, ХУДОИ ЗИНДА, ФАҲМАНД.
ЧАРО ХАЛҚҲО БА ШӮР МЕОЯНД? ЧАРО САРВАРОНИ ОНҲО БАДӢ МЕАНДЕШАНД?
ТАНҲО ТУ ҚУДРАТ ДОРӢ ЯКЕРО БОЛОБАРДОР КУНӢ ВА ДИГАРИРО ФУРӮ ҒАЛТОНӢ.
ИЛОҶ ЁФТАМ.
Дониёл 6:10


ТУ МАРО ВА АМАЛҲОИ ДАСТОНАМРО УСТУВОР НАМУДАЙ.
ИҶОЗАТ ДЕҲ ШАҲОДАТИ ПАРВАРДИГОРИ ОСМОНУ ЗАМИН, ОФАРИДГОРИ ИНСОНИЯТРО БА ДИГАРОН РАСОНАМ.
НОМИ ПАРВАРДИГОР МУБОРАК БОД.
ТУ ӮРО ДАР ОН ҶО ДИДӢ!
ҶАВОБ ЧУН РӮЗИ РАВШАН АЁН АСТ!
НАХОД? ПАС БА МО БИГӮ!
БА МО БИГӮ, ПРИНИД, ЧӢ ФИКРИ БУЗУРГЕ ДОРӢ?
ШАХСЕРО, КИ БА ХУДОЕ ХИЗМАТ МЕКУНАД, КИ ДУРӮҒ ГУФТАНРО МАНЪ МЕНАМОЯД, ЧӢ ТАВР БА ДОМ АФТОНДА МЕТАВОНЕМ?
АРЗИШНОКИИ ДОНИЁЛ БАРОИ ПОДШОҲ ДОРЁВЕШ АЗ ВАФОДОРИИ Ӯ БА ПОДШОҲ БАРМЕОЯД …
… ДОНИЁЛРО НАЗДИ ИНТИХОБИ ВАФОДОРӢ БА ДОРЁВЕШ ВА ВАФОДОРӢ БА ХУДО ГУЗОШТАН ДАРКОР АСТ!
ТАНҲО ҲАМОН ВАҚТ ДОРЁВЕШ МЕБИНАД, КИ ДОНИЁЛ ДАР АСЛ ЧӢ ГУНА АСТ!
ВА ТАНҲО ҲАМОН ВАҚТ РӮЗИ МО ФАРО МЕРАСАД!


ПОДШОҲИ БУЗУРГ! ПРИНИД ВА ТРИЛАРИЙ БО ШУМО ВОХӮРДАН МЕХОҲАНД!
АЛБАТТА! АЛБАТТА! БИГУЗОР ОНҲО ДАРОЯНД!
ДАРОЕД!
ЭЙ ПОДШОҲ ДОРЁВЕШ! ТО АБАД ЗИНДА БОШ!
МУШОВИРОНИ ВАФОДОРИ ТУ, ТРИЛАРИЙ ВА МАН, ПЕШНИҲОД МЕКУНЕМ, КИ БАРОИ ЭҲТИРОМИ БЕШТАРИ ПОДШОҲ, БАРОИ УСТУВОР НАМУДАНИ ҲУКМРОНИИ ТУ ВА ВАФОДОРӢ БА ТУ ФАРМОНЕ БАРОВАРДА ШАВАД.
ПОДШОҲИ БУЗУРГ, ҲОКИМИ БЕҲАМТО! ҲАМАИ АМИРОН, ВОЛИЁН, ҲОКИМОН, МУШОВИРОН ВА САРЛАШКАРОН БА ЯК ФИКР ОМАДАНД –
ТУ, ПОДШОҲ ДОРЁВЕШ, ҲАМТО НАДОРӢ.
МО МЕХОҲЕМ ФАРМОНЕ БАРОРӢ, КИ ТУРО ЧУН ПОДШОҲИ БУЗУРГТАРИН ШУКӮҲУ ШАВКАТ МЕДИҲАД.
ПОДШОҲ ДОРЁВЕШ, МО МЕХОҲЕМ, КИ ҲАМАИ ОДАМОН ДАР ПОДШОҲӢ БА ТУ ВАФОДОР БОШАНД ВА ТАМОМИ ТАВОНОӢ ВА ШУКӮҲМАНДИИ РОҲБАРИИ ТУРО ФАҲМАНД.
Дониёл 6:6-8


АМИРОНУ ҲОКИМОНИ МАН ЧӢ ПЕШНИҲОД МЕКУНАНД?
ПОДШОҲ, ИН ФАРМОНРО ТАСДИҚ НАМО, КИ ҲАР КӢ ДАР ДАВОМИ СӢ РӮЗИ МИНБАЪДА АЗ ЯГОН ХУДО Ё ОДАМ,
ҶУЗ АЗ ТУ, ЭЙ ПОДШОҲ, ИЛТИМОСЕ КУНАД,
БА ЧОҲИ ШЕРОН АНДОХТА ШАВАД.
БИГУЗОР ҲАМА ДОНАНД, КИ ТАНҲО ДОРЁВЕШ – ҲОМӢ ВА ФАРМОНРАВОИ ХАЛҚИ БУЗУРГАШОН АСТ.
ҲА, ИН НИШОН МЕДИҲАД, КИ ДАР ИН ЗАМИН ВА БАР МАРДУМИ ОН ТАНҲО ЯК ФАРМОНРАВО ҲАСТ.
АЛҲОЛ, ЭЙ ПОДШОҲ, ИН ФАРМОНРО ТАСДИҚ КУН ВА ИМЗО НАМО, КИ ТАҒЙИРНОПАЗИР БОШАД, МУВОФИҚИ ШАРИАТИ МОД ВА ФОРС, КИ БЕКОР КАРДА НАМЕШАВАД.
ОЛИДАРАҶА! ИН ҲАМ ШУКӮҲУ ШАВКАТ БАРОИ МАН, ҲАМ ИМКОНИЯТИ БА ҲАМА НИШОН ДОДАНИ ОН АСТ, КИ ОНҲО БА МАН, БА ПОДШОҲИ НАВАШОН, УМЕД МЕБАНДАНД.
ИНРО ҲАМОН ТАВРЕ КИ МУШОВИРОНИ МАН ПЕШНИҲОД КАРДААНД, НАВИСЕД.
МАН ИН ФАРМОНРО ИМЗО МЕКУНАМ ВА ОН ИМРӮЗ ҲАНГОМИ ҒУРУБИ ОФТОБ БА ҲУКМИ ҚОНУН МЕДАРОЯД.
ФАРМОНИ ХИРАДМАН ДОНА, ПОДШОҲ.


ПАС АЗ БАРОВАРДА ШУДАНИ ФАРМОН …
ЧУНОН КИ МО ФИКР МЕКАРДЕМ, ДОНИЁЛ ҚОНУНИ ПОДШОҲРО САРФИ НАЗАР МЕКУНАД.
МУВОФИҚИ ФАРМОНИ ПОДШОҲ, ҲЕҶ КАС НАБОЯД ТО СӢ РӮЗ АЗ ЯГОН ХУДО Ё ОДАМ, ҒАЙР АЗ ПОДШОҲ, ИЛТИМОСЕ КУНАД.
ҲА, МАН ИНРО МЕБИНАМ, ЧУНОН КИ ТУ ГУФТӢ.
САРЛАШКАР НОҲИД ШАҲРИ ТАКРОНРО ОТАШ ЗАД ВА СОКИНОНАШРО АЗ ДАМИ ШАМШЕР ГУЗАРОНД,
ВА ЗАНОНРО БАРОИ ХУД ВА ФАРМОНДЕҲОН БОҚӢ ГУЗОШТ.
МАН КӮШИШ МЕКУНАМ БО ЭЛОМИЁН ОСОИШРО НИГОҲ ДОРАМ, АММО Ӯ ЯК ШАҲРИ ОНҲОРО ВАЙРОН КАРДА, ОНҲОРО БА ХАШМ ОВАРДААСТ?
ҲА, ЭЙ ПОДШОҲ.
БАРОИ БЕИТОАТӢ БА ФАРМОНҲОИ МАН ВА АМРҲОИ САРЛАШКАРОНАМ ТАНҲО ЯК ҶАЗО ҲАСТ.
Ӯ БО ЗАНУ ФАРЗАНДОНАШ БА ЧОҲИ ШЕРОН ПАРТОФТА МЕШАВАНД.
НЕ.. РАҲМ КУН, ПОДШОҲИ БУЗУРГ ДОРЁВЕШ!!
РАҲМДИЛИИ МАН ДАР ИТОАТКОРИИ ТОБЕОНАМ АСОС ЁФТААСТ.
ӮРО БАРЕД, ТО КИ МАН ДИГАР ҲЕҶ ГОҲ ӮРО ЗИНДА НАБИНАМ!
Дониёл 6:10-11


ПОДШОҲИ БУЗУРГ, БОЗ ЯК МАВРИДИ БЕИТОАТӢ ҲАСТ, КИ МО БОЯД БА ТУ ХАБАР ДИҲЕМ.
МАГАР ТУ ФАРМОНЕРО ИМЗО НАКАРДӢ, КИ ҲАР КӢ ТО СӢ РӮЗ АЗ ЯГОН ХУДО Ё ОДАМ, ҒАЙР АЗ ТУ, ЭЙ ПОДШОҲ, ИЛТИМОСЕ КУНАД, ЧУН ДУШМАНИ ПОДШОҲ БА ЧОҲИ ШЕРОН ПАРТОФТА ШАВАД?
МАН ОНРО БО МӮҲРИ ХУД ТАСДИҚ НАМУДАМ. ИН СУХАН ДУРУСТ АСТ, МУВОФИҚИ ШАРИАТИ МОДАЙ ВА ФОРС, КИ БЕКОР КАРДА НАМЕШАВАД.
ДОНИЁЛ, КИ АЗ АСИРОНИ ЯҲУДИЯ АСТ, БА ТУ, ЭЙ ПОДШОҲ, ВА БА ФАРМОНИ ТУ, КИ ИМЗО КАРДАЙ, ЭЪТИНО НАМЕКУНАД.
Ӯ БА ФАРМОНИ ТУ БЕИТОАТӢ КАРДА, РӮЗЕ СЕ КАРАТ ДУОИ ХУДРО МЕГӮЯД.
ИН РОСТ АСТ, ҲАЗРАТАМ, БЕГОҲИИ РӮЗИ ГУЗАШТА МАН ИНРО БО ЧАШМОНИ ХУД ДИДАМ.
МУВОФИҚИ СУХАНОНИ ХУДАТ, ТО ҒУРУБИ ОФТОБ ДОНИЁЛ, ЧУН ШАХСЕ КИ БА ФАРМОНИ ПОДШОҲ ИТОАТ НАКАРДААСТ, БОЯД БА ЧОҲИ ШЕРОН ПАРТОФТА ШАВАД.
МАН БА ИҚТИБОС ОВАРДАНИ СУХАНОНАМ ЭҲТИЁҶ НАДОРАМ!
ҚОНУНҲОИ МОД ВА ФОРСРО ТАҒЙИР ДОДАН МУМКИН НЕСТ, ВА ҲАТТО ПОДШОҲ ИН КОРРО КАРДА НАМЕТАВОНАД.
МАН ҚОНУНҲОИ МОД ВА ФОРСРО ХУБ МЕДОНАМ!


ИН ЧӢ КОРЕ БУД, КИ МАН КАРДАМ?
БОВАРИНОКТАРИН ХОДИМИ МАН БА ДОМ АФТИД...
ВА ҒУРУРАМ МАРО БА ДОМ АФТОНД.
ҶОИ СУСТИ Ӯ ХУДО БУД ...




Дониёл 6:16-18


ҲАМОН ШАБ.
ИН ЧӢ КОРЕ БУД, КИ МАН КАРДАМ...
АЗ ПЕШИ НАЗАРАМ ДУР ШАВЕД! НА ХӮРОК ДАРКОР АСТ, НА МУСИҚӢ, НА ДИЛХУШӢ! МАН МЕХОҲАМ, КИ ҲАМА МАРО БА ҲОЛАМ ГУЗОРАНД!
ПОДШОҲИ БУЗУРГ. ШУМО БОЯД АҚАЛЛАН ЯГОН ЧИЗ ХӮРЕД, ШУМО, КИ ПОДШОҲИ БУЗУРГЕ ҲАСТЕД, НАБОЯД ХОБУ ХӮРОКРО ТАРК КУНЕД.
АГАР МАН ПОДШОҲИ БУЗУРГ МЕБУДАМ, ҒУРУРИ ХУДАМ МАРО ФИРЕБ НАМЕДОД.
ИМРӮЗ МАН ҲЕҶ ЧИЗ НАМЕХӮРАМ.

Дониёл 6:18


ПАРВАРДИГОР ХУДО, ТУРО ШУКР МЕГӮЯМ, КИ ФАРИШТААТРО ФИРИСТОДӢ ВА ДАҲОНИ ШЕРОНРО БАСТӢ …


САҲАРӢ.
ФАВРАН!
НАЗДИ ДОНИЁЛ МЕРАВЕМ! **ХУДИ ҲОЗИР!!!**
АЛБАТТА,
ЭЙ ПОДШОҲИ БУЗУРГ.
МО БО ХУШНУДӢ ...
ТУРО ҲАМРОҲӢ МЕКУНЕМ.
ОЁ НИШОНЕ АЗ Ӯ ҲАСТ?
ДОНИЁЛ, БАНДАИ ХУДОИ ЗИНДА!
ОЁ ХУДОИ ТУ, КИ ӮРО ҲАМЕША ИБОДАТ МЕНАМОЙ, ТУРО АЗ ШЕРОН ХАЛОС КАРДА ТАВОНИСТ?
Дониёл 6:19-20


ПОДШОҲ ДОРЁВЕШ! ТО АБАД ЗИНДА БОШ!
ХУДОИ МАН ФАРИШТААШРО ФИРИСТОДА, ДАҲОНИ ШЕРОНРО БАСТ. ОНҲО БА МАН ОСЕБЕ НАРАСОНДАНД, ЧУНКИ БА ҲУЗУРИ Ӯ ДАР МАН ГУНОҲЕ ЁФТ НАШУД,
ПЕШИ ТУ НИЗ, ЭЙ ПОДШОҲ, МАН ҶИНОЯТЕ НАКАРДААМ.
ДАРҲОЛ ӮРО БЕРУН БАРОРЕД!
ТУ ОСЕБ НАДИДАЙ!
ХУДОИ ТУ, КИ ӮРО ҲАМЕША ИБОДАТ МЕНАМОЙ, ТУРО ҲАТТО АЗ ШЕРОН ХАЛОС КАРД.
РОҲ НАДИҲЕД, КИ ПРИНИД, ТРИЛАРИЙ ВА ОНҲОЕ КИ ДОНИЁЛРО АЙБДОР МЕКАРДАНД, ГУРЕХТА ХАЛОС ШАВАНД.
ЗАНОНУ ФАРЗАНДОНИ ОНҲОРО ФАВРАН НАЗДИ МАН ОВАРЕД!!!




ДОНИЁЛ 6:24-28








SUPERBIBLE.TV